ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ

СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ИХТИСОС

Аз рӯи самти	**79 01 «Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ»**
Ихтисоси:	**1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ)**
Касб:	**бакалаври тиб**
Дараҷа:	**мутахассис**
Муҳлати таҳсил:	**5 сол**
Шакли таҳсил:	**рӯзона**

ДУШАНБЕ – 2018

ҚАРОРИ
МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «25» 08 соли 2017 № 13/1-31 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Стандарти давлатии таълимии самти 79 01 «Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ» ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ)

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тасдиқи Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ) баррасӣ намуда,

карор мекунад:

1. Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дахлдор вазифадор карда шаванд:

2.1. Дар асоси Стандарти давлатии таълимии ихтисоси мазкур нақшаи таълимии ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ»-ро (барои донишҷӯёни хориҷӣ) дар мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

2.2. Раванди таълимро тибқи талаботи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ) ба роҳ монанд.

3. Ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ш. Ёрмуҳаммадзода) супориш дода шавад, ки стандарти мазкурро ба миқдори 50 нусха чоп намуда, дастраси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ гардонад.

4. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) вазифадор карда шавад, ки иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Одиназода вогузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир **Нуриддин Саид**

1. ДОИРАИ АМАЛ

1.1. Стандарти давлатии таълимии ихтисос маҷмӯи талаботи ҳатмиро барои татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси омодагии 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» (барои донишҷӯёни хориҷӣ) дар бар мегирад.

1.2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дода шудааст, ҳуқуқ доранд.

2. ИХТИСОРОТИ ИСТИФОДАШАВАНДА

ТОК- таҳсилоти олии касбӣ;
БТТОК- барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
СУФ - салоҳияти умумифарҳангӣ;
СУК - салоҳияти умумикасбӣ;
СК- салоҳияти касбӣ;
БФГ - бахши фанҳои гуманитарӣ;
БФТРИ - бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
БФУ - бахши фанҳои умумикасбӣ;
БФТ - бахши фанҳои таҳассусӣ;
БКҒА – бахши корҳои ғайриаудиторӣ;
СДТОК - стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ.

3. ТАВСИФОТИ РАВИЯИ ОМОДАГӢ

Муҳлати меъёрии умумӣ меҳнатталабии азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ (дар воҳиди санҷишӣ) ва таҳассус (дараҷа)-и мутобиққунанда дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Таҳассус (дараҷа)		Муҳлати меъёрии азхудкунии барнома	Ҳаҷми меҳнатталабӣ	
	Рамз	Дараҷаи академӣ		кредит	соат
Бакалавр	1-79 01 01	Бакалавр	5 сол	350	8400

Як кредит 24 соат муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми меҳнатталабии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таълими рӯзона дар як соли таҳсил баробари 70 кредит мебошад.

Баъди аз худ намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва гузаштани аттестатсияи хатм ба хатмкунандагон диплом оид ба маълумоти олии тиббӣ аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ», таҳассуси «Бакалаври тиб» дода мешавад.

4. ТАВСИФОТИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

4.1. Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунанда:
муассисаҳои кӯмаки аввалияи тибби-санитариро дар бар мегирад.

4.2. Объекти фаъолияти таҳсилоти олии касбии хатмкунанда:

- кӯдакон ва наврасони синни то 18-сола;
- аҳолии калонсол аз 18-сола боло;

4.3. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» ба намуди зерини фаъолияти касбӣ тайёр карда мешавад:

- тиббӣ;
- ташкили идоракунӣ;
- илмӣ-тадқиқотӣ.

4.4. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» бояд вазифаҳои касбии зеринро мутобиқ бо намудҳои фаъолияти касбӣ ва самтияти соҳа ҳаллу фасл намояд:

фаъолияти тиббӣ:

- гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ва зидиэпидемии беморихо дар байни аҳолӣ;
- муоинаи тиббӣ-профилактикӣ;
- ташхиси беморихои маъмул ва ҳолатҳои эътилолӣ дар кӯдакон, наврасон ва калонсолон дар асоси усулҳои тадқиқотҳои клиникӣ ва лабораторӣ;
- ташхиси шароити ҳолати фавкулодда дар кӯдакон, наврасон ва калонсолон, ва муроҷиати саривактии патсиент бо максади ёрии махсусгардонидашуда.
- ташхисоти ҳомилагӣ;
- расонидани ёрии аввалияи тиббӣ-санитарӣ ба аҳолӣ дар шароити амбулаторӣ;
- расонидани ёрии аввалияи тиббӣ-санитарӣ ба аҳолӣ дар ҳангоми беморихои шадиди ногаҳонӣ, хуруҷи беморихои музмин, ки ба ҳайёти бемор хатар надорад ва ёрии таъҷилии тиббиро талаб намекунад;
- саҳмгузорӣ дар таъмини ёрии таъҷилии тиббӣ ҳангоми зарурати ёрии таъҷилии тиббӣ;
- гузаронидани чораҳои табобатию эвакуатсионӣ ҳангоми ҳолатҳои фавкулода ва расонидани ёрии тиббӣ ба аҳолӣ дар шароити экстремалӣ: эпидемия, маҳалли сироят;
- гузаронидани корҳои маърифатӣ-санитарӣ дар байни кӯдакон, наврасон, калонсолон ва кормандони тиббӣ.

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- истифодаи усулҳои асосии ташкили ёрии тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва вохидҳои сохтории онҳо;
- коргузории тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ.

фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ:

- омӯзиши пайвастаи адабиёти даврии тиббӣ (касбӣ) ва тадқиқоти расмии омории соҳаи тиб;
- гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, тиббӣ - сотсиологӣ дар байни аҳолӣ таҳлил ва нашри натиҷаҳои ба дастомада.

5. ТАЛАБОТ БА НАТИҶАҲОИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ «КОРИ ТАБОБАТӢ» (БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОРИҶӢ)

5.1. Дар натиҷаи азхудкунии барномаҳои таҳассусӣ хатмкунандагон бояд салоҳияти умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбиро ҳосил намоянд.

5.2. Хатмкунанда бояд салоҳиятҳои умумифарҳангии зеринро дошта бошад:

- таҳлили ҷаҳонбинӣ, проблемаҳои фалсафии аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсидошта, малакаи худтакмилдиҳӣ, омӯзиши доимӣ;
- таҳлили чорабиниҳои сиёсӣ ва равандҳои муҳим, омодагӣ барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, азбар намудани мафҳумҳои асосӣ ва қонуниятҳои раванди таърихии ҷаҳонӣ, қонунҳое, ки муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона ба анъанаю меъроси таърихиро тақозо менамоянд, баҳодиҳии сиёсати давлат, дористани истилоҳоти таърихию-тиббӣ;
- дорои қобилияти таҳлили мантиқӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ ва педагогӣ, муҳокимаҳо барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, ҳамкорӣ ва таҳаммул;
- ба роҳ мондани фаъолияти худ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ қабул шудаанд, риояи қоидаҳои этикаи касбӣ, қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба маълумоти махфӣ, нигоҳ доштани сирри касбӣ.

5.3. Хатмкунанда бояд салоҳиятҳои умумикасбии зеринро дошта бошад:

- ҳалли вазифаҳои фаъолияти касбӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, захираҳои библиографӣ ва бо назардошти талаботи асосии бехатарии иттилоотӣ;
- таҳлили таъсироти асосии ҷисмонӣ ва қонуниятҳое, ки дар организми инсон рух медиҳад;
- истифодаи асосҳои дониши иктисодӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбӣ;
- таҳлили натиҷаҳои фаъолияти худ барои пешгирӣ аз хатогиҳои касбӣ;
- ҳосил намудани малакаҳои коргузории тиббӣ;
- истифодаи мафҳумҳои асосии физикӣ-кимиёвӣ, риёзӣ ва табиӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- истифодаи доруворӣ ва моддаҳои дигар, мутобиқати онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- баҳодиҳии ҳолати морфофункционалӣ, физиологӣ ва равандҳои патологии организми инсон ҳангоми ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- ба роҳ мондани нигоҳубини бемор ва расонидани ёрии аввалияи тиббию санитарӣ то ҳозир шудани табиб.

5.4. Хатмкунанда бояд салоҳиятнокии зерини касбиро дошта бошад:

фаъолияти тиббӣ:

- гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таҳким ва нигаҳдории саломатӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ намудани пайдоиш ва паҳншавии беморихои зуд-зуд дучоршаванда, ташхиси саривақтии онҳо, муайян намудани сабабҳои пайдоиш ва рушди онҳо, инчунин бартараф намудани таъсири зарарноки омилҳои экологӣ ба саломатии инсон;

- гузаронидани муоинаи профилактики тиббӣ, диспансеризатсия ва назорати диспансерӣ;

- гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемӣ, ташкили ҳифзи аҳолӣ дар ҷойҳои махсусан хавфноки сироятӣ, ҳангоми хатари ҳолати радиатсионӣ офатҳои таббий ва дигар ҳолатҳои фавқулода;

- чамъоварӣ ва таҳлили шикоятҳои бемор, анамнез, натиҷаҳои муоина, тадқикоти озмоишгоҳӣ, дастгоҳӣ, патологӣ-анатомӣ ва дигар таҳқиқот барои исботи мавҷудият ё набудани беморӣ, инчунин тахияи картаи тиббии амбулаторӣ ё статсионарии бемор;

- муайян намудани ҳолати патологии бемор, симптому синдроми бемориҳо, шакли нозологӣ мутобиқи Таснифоти байналмилалии омории бемориҳо ва мушкилоти вазъи саломатӣ азназаргузаронии X;

- донистани механизмҳои патофизиологии рушди симптому синдромҳои клиникӣ, асоснок намудани табобат ва барқарорсозии саломатии кӯдакон, наврасон ва калонсолон, вобаста ба гурӯҳи синнусолӣ ва ҷинсии онҳо;

- тахияи нақшаи муолиҷа барои кӯдакони бемор, наврасон ва калонсолон мувофиқи ташхиси муқарраршудаи амбулаторӣ ва статсионарӣ;

- иҷрои тадбирҳои асосии табобати беморихои кӯдакон, наврасон ва калонсолон, ки оризаҳои вазниндошта, сабаби марг мешавад;

- сари вақт ошкор намудан ва расонидани ёрии таъҷилӣ ҳангомиҳолатҳои хатарноки ҳаёт (хунравии шадид, халалёбии нафас, аз кор мондани дил, кома, шок);

- таъйин намудани ғизои клиникӣ ба беморон мувофиқи хусусияти бемории онҳо;

- пешбурди ҳомилагии муқаррарӣ ва мусоидат намудан ба таваллуди кӯдак;

- донистани тавсифи клиникӣ - фармакологии гурӯҳҳои асосии доруворӣ ва интихоби оқилонаи дорувор ҳангоми беморӣ;

- донистани технологияи нигоҳубини кӯдакони бемор, наврасон ва калонсолон; истифодаи усулҳои асептика ва антисептика;

- мусоидат барои ташхиси бемории сил ва муоинаи флюорографии кӯдакон, наврасон ва калонсолон бо мақсади ошкор намудани бемории сил, баҳодиҳии натиҷаҳои он;

- ба беморон ва хешовандони онҳо омӯзонидани чорахои асосии гигиенӣ, нигоҳдории саломатӣ, малакаҳои худдории нишондодҳои физиологӣ, ки ба мухофизат ва мустаҳкамкунии саломатӣ, инчунин пешгирии бемориҳо равона шудаанд;

- муайян намудани зарурати омилҳои муолиҷаи табиӣ, муолиҷаи ғайримаводи доругӣ ва усулҳои дигар бо бемороне, ки ба барқарорсозии саломатӣ ва муолиҷаи санаторию курортӣ ниёз доранд;

- истифодаи таҷҳизоти тиббӣ-техникӣ ҳангоми кор бо беморон, донистани технологияи компютерӣ барои гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои гуногун, дастрас намудани иттилоот аз шабакаҳои компютерӣ; истифода аз имкониятҳои технологияи муосири иттилоотӣ барои барномаҳои касбӣ;

- расонидани кӯмаки аввалияи психологӣ ба кӯдакон, наврасон ба калонсолон дар ҳолати беморӣ ё ҳолатҳои фавқулода;

- расонидани ёрии психологӣ-педагогӣ доир ба пешгирӣ ва бартараф намудани одатҳои зарарнок, ки ба вазъи саломатии насли наврас таъсир мерасонад (СК-19);

- омӯзонидани кӯдакон, наврасон ва волидайни онҳо барои нигоҳдории саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим.

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи тандурустӣ (қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, регламентҳои техникӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ, фармоишҳо, дастурҳо, истилоҳот ва низоми байналмилалии воҳидӣ, таснифи байналмилалии мавҷуда).

фаъолияти илмӣ – тадқиқотӣ:

- омӯзиш ва баҳодиҳии иттилооти илмии тиббӣ;

- азхудкунии усулҳои тадқиқоти муосири илмӣ ба назардошти натиҷаҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва татбиқ намудан дар амалия.

Хатмкунанда бояд дорои хислатҳои шахсӣ ва малакаҳои зерин бошад:

- дарки масъулияте, ки фаъолияти касбии табиб ба риояи принсипҳои ахлоқию этикӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтааст;
- ба роҳ мондани фаъолият дар асоси арзишҳои касбӣ, аз ҷумла маҳорат, интизом, ҳамхории бегаразона, дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, масъулият, ростқавлӣ, махфӣ нигоҳ доштани сири касбӣ;
- дарки муҳиммияти ҳамдигарфаҳмӣ ва муносибати самимонаи табибу бемор, аъзоёни оилаи онҳо, эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ ва озодии эътиқоди динӣ;
- ташаккул додани муносибатҳои мутақобилаи мусбат ва эҳтироми нуқтаи назари ҳамкорон;
- омодагӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои худ дар давоми фаъолияти касбӣ дар асоси дастовардҳои нави илмӣ.

6. ТАЛАБОТ БА СОХТОРИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

6.1. Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши фанҳои таълимӣ ва иҷрои корҳои ғайриаудиториро дар бар мегирад (ҷадвали 2):

- фанҳои гуманитарӣ;
- фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
- фанҳои умумикасбӣ;
- фанҳои тахассусӣ;
- таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ;
- аттестатсияи хатм.

6.2. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян карда мешавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад.

6.3. Бахши фанҳои гуманитарӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии фалсафа, таърихи халқи тоҷик, забони тоҷикӣ, забони русӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фанни интихобии этика ва эстетика ё мантиқро дар бар мегирад.

6.4. Бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии назарияи иқтисодӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демографияи он, технологияи информатсионӣ ва фанҳои интихобии экология ва мудофиаи шаҳрвандиро дар бар мегирад.

Ҷадвали 2

СОХТОРИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Т/Р	МАВЗӮЪҲОИ ОМӮХТАШАВАНДА	Кредит	Соат
I.	**БАХШИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ**	**46**	**1104**
БФГ 01.	**Фалсафа** Фалсафа, доираи проблемаҳо ва нақши он дар ҷомеа. Метод ва вазифаҳои фалсафа. Фалсафа дар низоми фарҳанг. Предмет ва объекти донишҳои фалсафӣ. Фалсафа дар Ҳинди бостонӣ ва Чини қадим. Фалсафаи бостонии тоҷику форс. Фалсафаи Юнонӣ атиқа. Тавсифи умумии таълимотҳои фалсафии Ҳинду Чини қадим, Форси бостон ва Юнонӣ атиқа. Фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ. Фалсафаи асримиёнагии Шарқи Исломӣ. Принсипҳо ва назарияи фалсафию динии машшоия ва калом. Фалсафаи давраи Эҳё. Фалсафаи Замони нав (асри XVII-XVIII). Фалсафаи маорифпарварии франсавӣ. Мақоми фалсафа ва илм дар фарҳанги аврупоии замони Нав. Фалсафаи классикии олмонӣ. Фалсафаи марксистӣ. Моҳияти фаҳмиши материалистии таърих. Масъалаи шуур дар фалсафа. Шуур ва инъикос. Равишҳои мухталифи илмию фалсафӣ доир ба моҳияту хосияти шуур. Гносеология–таълимот дар бораи маърифат. Маърифат ҳамчун мавзӯи таҳлили фалсафӣ. Назарияҳои ҳақиқат. Субъект ва объекти маърифат. Проблемаи ҳақиқат дар фалсафа ва илм. Хусусияти маърифати илмӣ. Методологияи таҳқиқоти илмӣ. Методҳои маърифати илмӣ. Меъёри илмияти донишҳ. Инсон шакли махсуси ҳастӣ. Масъалаи инсон дар фалсафа. Антропосотсиогенез. Таносуби хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон. Инсон дар фаъолияти ҳаётии хеш. Озодӣ дар низоми нерӯҳои моҳиятии инсон. Моҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии инсон дар таълимотҳои инсон шиносӣ. Предмет ва методи фалсафаи иҷтимоӣ. Ҷамъият ҳамчун низоми худинкишофёбанда. Антропологияи иҷтимоӣ. Ҷамъият ҳамчун низоми робита ва муносибати одамон дар раванди фаъолият, талабот ва заруриятҳои таърихӣ. Ҷамъият ва табиат. Диалектикаи робитаи байниҳамдигарӣ. Воқеияти иҷтимоӣ ва таҳқиқи он дар фалсафа. Соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъият. Соҳаи иқтисодӣ-соҳаи бунёдии ҳаёти ҷамъият. Тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ. Таҳсимоти ҷамъиятии меҳнат-нерӯи пешбарандаи фаъолияти одамон. Сохтори иҷтимоии ҷамъият. Ҳаёти иҷтимоӣ соҳаи ҳастии	**5**	**120**

	умумиятҳои иҷтимоии одамон. Ҳаёти сиёсии ҷамъият. Давлати ҳуқуқбунёд. Нақши асосгузори сулҳу вахдат ва пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлолият ва таъмини ҳаёти осоиштаи ҶТ. Ҳаёти маънавии ҷамъият. Таърих ва фалсафаи таърих. Субъект ва қуввахои пешбарандаи таърих. Ҷомеаи постиндустриалӣ ва иттилоотӣ. Ҷомеаи шаҳрвандӣ. Шуури ҷамъиятӣ. Таркиботи шуури ҷамъиятӣ: дараҷа ва шаклҳои он. Ташаккули назарияҳои ҷамъияти постиндустри алӣ ва ахборӣ. Фалсафаи фарҳанг. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ. Фарҳанг ва ҳаёти маънавии ҷамъият. Парадигмаҳои асосии таҳлили фалсафии фарҳанг. Буҳрони тамаддуни муосир ва масъалаи бақои мавҷуди инсонӣ. Табаддулоти технологӣ. Проблемаҳои фалсафаи техника. Назарияҳои муосир дар мавзӯи «Гуфтугӯ, алоқамандӣ, муқовимат ва бархурди тамаддунҳо». Маърифати арзишии ҳастӣ. Аксиология-фалсафаи арзишҳо. Арзишҳои ахлоқии ҷомеа. Дин ҳамчун шакли фаъолияти маънавӣ ва дин ҳамчун шуури ҷамъиятӣ. Эстетика-фалсафаи санъат. Хусусияти хоси дарки эстетикии олам. Идеология ҳамчун шакли фаъолияти маънавӣ ва омили интегративии ҷомеа. Санъат-инъикоси бадеию рамзии олам, дарки маънои ҳаёт ва муқаррар шудани арзишҳо дар ҷараёни ташаккули наслҳои ҷавон. Шуури ҳуқуқӣ ва ташаккули таърихии фалсафаи ҳуқуқ. Дурнамои ҷомеаи инсонӣ. Футурология-илм дар бораи оянда. Омилҳои асосии ояндабинӣ ва методҳои пешгӯии иҷтимоӣ. Глобализатсия-предмети таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ. Тоҷикистон дар масири тағйиротҳои бузурги глобалии замони муосир. Фалсафа ва чаҳони муосир. Мушкилоти нигоҳдории ҳувияти миллӣ ва бақою устувории арзишҳои ватанӣ дар замони бархурди ҷомеаҳои техногению информатсионӣ бо ҷомеаҳои анъанавӣ.		
БФГ 02	**Таърихи халқи тоҷик** Мақсад ва вазифаҳои асосии омӯзиши таърихи халқи тоҷик. Семинар дар мавзӯи: Таърих ҳамчун илми ҷомеашиносӣ. Ҷомеаи ибтидоӣ дар Осиёи Марказӣ. Осори асри санг. Осори ҷомеаи ибтидоӣ дар ҳудуди Тоҷикистон. Мутолиа ва конспекти китоби Дяконов М.М. «Маданияти қадими тоҷикон». Энеолит ва асри биринҷӣ дар Осиёи Марказӣ. Ориёиҳо: таърихи пайдоиш, муҳоҷират. Тамаддуни ориёӣ. Нахустин давлатҳои ориёӣ. Ойини зардуштӣ. Авесто. «Авесто-нахуст қомуси башарӣ ва сарчашмаи таърихӣ». Мутолиа ва конспекти мухтасари китоби Эмомалӣ Раҳмон. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ». Империяи Ҳохоманишиён. Мутолиа ва азёд намудани «Эъломияи Куруши Кабир». Муборизаи аҷдодони тоҷикон бар зидди истилогарони юнонӣ-мақдунӣ. Дарс-суҳбат дар мавзӯи “Оқибати забткориҳои Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Марказӣ”. Давлати Кушониёни бузург. «Осори давраи Кӯшониён дар осорхонаҳои Тоҷикистон». Ташаккули Роҳи Бузурги Абрешим ва нақши аҷдодони тоҷикон дар он. «Ёдгориҳои таърихии маҳалли зисти ман». Ташаккулёбии	**6**	**144**

халқиятхои кадими ориёй. Огози ташаккулёбии халқияти точик. Ташаккулёбии муносибатхои феодалй дар Осиёи Марказй. Шоханшохии Сосониён. Пешниходи маърўза ва ё эссе доир ба яке аз мавзўъхо: «Фархангистони Гундишопур», «Борбади Марвазй», «Ойини зардуштй», «Авесто», «Накши Сосониён дар тамаддуни ориёй», «Динхои замони Сосониён», «Мусикии замони Сосониён», «Чашнхои суннатии замони Сосониён». Давлатхои Кидориён, Хиёниён ва Хайтолиён. Муборизаи Сосониён, Хайтолиён ва Хоконии турк дар Варазруд. «Шахрхои Эрони Шарқй дар асрхои III-VII». Варазруд дар даврои парокандагии сиёсии асрхои VI-VII. Маданияти моддй ва маънавии аҳдодони точикон дар асрхои III-VII. Вазъи сиёсии Вароруд ва Эрон дар арафаи хучуми арабхо. Хучуми арабхо ба Эрон, Хуросон ва Вароруд. Забти ин сарзаминхо аз тарафи истилогарони араб. Хуросон ва Мовароуннахр дар замони хукумати арабхо. Бармакиён. Семинар дар мавзўи «Неҳзати Абўмуслим». Нахзатхои озодихохй бар зидди хилофати араб дар Эрон, Хуросон ва Мовароуннахр. Мутолиа ва конспекти китоби Садриддин Айнй «Исёни Муқаннаъ. Очеркхои таърихй-тахлилй». Давлати Тохириён. «Хуросон-худуди таърихй-чугрофй». Давлати Саффориён. Хонадони Сомонй ва болоравии нуфузи сиёсии он. Таъсисёбии давлати Сомониён. Исмоили Сомонй-асосгузори давлати Сомониён. Пур кардани харитаи контурии «Давлати Сомониён». Давлати Сомониён дар замони хукумати Насри II. Мутолиа ва конспекти китоби А. Мухторов. «Амирон ва вазирони Сомонй». Сохтор ва низоми идоракунии давлати Сомониён. «Мовароуннахр ва худуди он». Рушди кишоварзй, косибй ва тичорат дар дар даврои Сомониён. Фарханги моддй ва маънавй дар ахди Сомониён. Дарс-конференсия дар мавзўи «Илм ва адабиёти точик дар даврои Сомониён». Анчоми раванди ташаккулёбии халқи точик. Мутолиа ва конспекти зерфасли «Анчоми ташаккулёбии халқи точик»-и боби дуввуми китоби Б.Ғафуров «Точикон: таърихи кадимтарин, кадим, асрхои миёна ва даврои нав». Давлати Сомониён дар нимаи дуюми асри X ва сабабхои заволи он. Абўиброхими Мунтасир ва муборизаи он барои барқарории давлати Сомониён. «Накши Сомониён дар таърихи давлатдории халқи точик». Мутолиа ва конспекти мақолаи Садриддин Айнй «Маънои калимаи «точик» (аз китоби «Точик-точдор, точвар»). Вазъи сиёсии Мовароуннахру Хуросон дар асрхои XI-XII. Давлати Ғуриён ва Хоразмшохиён. «Давлати Ғуриён». Авзои иқтисодй ва ичтимоии Мовароуннахру Хуросон дар асрхои XI-XII. Фарханги моддй ва маънавии халқи точик дар асрхои XI-XII. «Низомулмулк-арбоби давлатй ва фарханги точик». Авзои сиёсии Мовароуннахру Хуросон дар арафаи хучуми муғулхо. Ишғоли Мовароуннахру Хуросон аз чониби муғулхо. Муборизаи мардуми точик бар зидди муғулхо. Мутолиа ва конспекти китоби С.Айнй «Қахрамони халқи точик Темурмалик.

Очерки адабй-таърихй». Оқибати фочиабори забткориҳои муғул дар Мовароуннахру Хуросон. Семинар дар мавзўи «Шўриши Махмуди Торобй». Мутолиа ва конспекти пешгуфтори китоби И.П. Петрушевский «Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIV веков». Давлати Куртхои Ҳирот (1245-1383). Давлати Сарбадорони Хуросон (1337-1381). Фарханги моддй ва маънавии халқи точик дар асри XIII ва нимаи аввали асри XIV. Вазъи сиёсии Мовароуннахру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV. Авзои иқтисодй ва ичтимоии Мовароуннахру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV. Фарханги моддй ва маънавии точикон дар асри XV. «Чехрахои шинохтаи илм ва адабиёти точик дар нимаи дувуми асри XIV ва асри XV». Ҳучуми қабилахои турку муғули Дашти Қипчоқ ба Мовароуннахр. Шайбониён. Вазъи иқтисодй, ичтимой ва фарханги Мовароуннахру Хоросон дар асри XVI. Вазъи сиёсии Мовароуннахру Хуросон дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Таъсиси давлати Аштархониён (Чониён). «Шўришхои мардумии нимаи дуввуми асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII». Авзои иқтисодй ва ичтимоии Мовароуннахру Хуросон дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Мутолиа ва конспекти китоби А.Мухторов «Ҳисор: Очерки таърихй (Охири асри XV аввали асри XX). Фарханги моддй ва маънавии халқи точик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Манғитиён. Дарс-сўҳбат дар мавзўи "Мулкхои точикнишин дар нимаи аввали асри XIX". Мутолиа ва конспекти " Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития"-и А. Дониш. Авзои ичтимой ва иқтисодии халқи точик дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Фарханги моддй ва маънавии халқи точик дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Ҳучуми русхо ба Осиёи Миёна ва забти ноҳияҳои шимолии Точикистон. Пурра тобеъ гардидани мулкхои Бухорои Шарқй ба аморати Бухоро. Ҳалли масъалаи Помир ва ба Русия ҳамроҳ кардани Бадахшони Кўҳй. Сиёсати мустамликадории Русия дар Осиёи Миёна. Аморати Бухоро дар охири асри XIX. Семинар дар мавзўи "Шўриши Восеъ-бузургтарин харакати мардумй". Точикони генерал-губернатории Туркистон дар ибтидои асри XX. "Шўриши соли 1916 ва иштироки фаъоли точикон дар он". Точикони аморати Бухоро дар ибтидои асри XX. Афкори чамъиятй-сиёсии халқи точик дар охири асри XIX-ибтидои асри XX. Мутолиа ва конспекти китоби С.Айнй "Таърихи инқилоби фикрй дар Бухоро". Таҳаввулоти фарҳангии халқи точик дар нимаи дуввуми асри XIX ибтидои асри XX. "Ҳаракати маорифпарварй ва чадидия дар аморати Бухоро". Барпо гардидани Ҳокимияти Шўравй дар Точикистони Шимолй ва Помир. "Мухторияти Қўқанд" ва моҳияти сиёсии он". Сарнагун намудани тартиботи амирй ва барпо гардидани Ҳокимияти Шўравй дар Бухорои Шарқй. Ҳаракати зиддишўравй ва чанги

	шахрвандӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ. Вазъи иқтисодию ичтимоӣ ва мадании халқи тоҷик дар ибтидои давраи Шӯравӣ. Сабабҳо ва зарурати гузаронидани марзбандии миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна. Ҳолати ифодаи манфиатҳои тоҷикон дар ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро. Мутолиа ва конспекти китоби академик Р. Масов "Таърихи тоҷикон бо мухри «комилан махфӣ». Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон. Вазъи сиёсию ҷамъиятӣ ва иқтисодиву ичтимоии ҶМШС Тоҷикистон. Ҳаёти мадании ҶМШС Тоҷикистон. Ҳолати ифодаи манфиатҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон ва сайъу талош барои таъсиси ҷумҳурии иттифоқӣ. Навиштани маърӯза дар мавзӯи "Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалли зисти ман". Навиштани маърӯза дар мавзӯи "Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалли зисти ман". Ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон. "Анҷумани III фавқулодаи Шӯроҳои Тоҷикистон ва қарорҳои таърихии он". Вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ва оқибатҳои таъқиботи сиёсӣ дар Тоҷикистон. Дигаргунсозиҳои саноатӣ дар Тоҷикистон. "Омӯзиши илмии захираҳои табиию иқтисодӣ ва Конференсияи якуми қувваҳои истеҳсолқунандаи Тоҷикистон". Коллективонии соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон. Инқилоби маданӣ дар шароити Тоҷикистон. Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва сафарбарии умумии шахрвандон барои мудофиаи мамлакат. Қаҳрамонии фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаҳои ҷангӣ ва озод намудани мамлакат ва Аврупо аз фашизм. "Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон". Нақши меҳнаткашони Ҷумҳури Тоҷикистон дар ғалаба бар фашизм. "Фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои ҶБВ (1941-1945)". Ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурии дар давраи рушди ҷомеаи сотсиалистӣ. Вазъи иқтисодӣ-ичтимоии Тоҷикистон дар солҳои 1950-1991. Ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои рушди ҷомеаи шӯравӣ. Тоҷикистон дар солҳои бозсозӣ (1985-1990). Ба даст овардани Истиқлолияти комили давлатӣ ва аҳамияти таърихии он. Мутолиа ва конспекти "Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон". Даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шахрвандӣ дар Тоҷикистон. Истикрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон. Дарс-мизи мудаввар дар мавзӯи "Нақши таърихии Сессияи XXVI Шӯроҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баркарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ". Дигаргунсозиҳои саноатӣ ва рушди энергетика дар Тоҷикистон. Навиштани анотатсия доир ба китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик барои мактабҳои олии Тоҷикистон. Нақлиёт ва соҳтмони роҳҳо дар Тоҷикистон. Ислоҳоти ҳоҷагии кишоварзӣ ва рушди он. Рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Аҳамияти таърихии истикрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон". Ислоҳоти низоми маориф ва воридшавии стандартҳои байналмилалӣ. Илму фарҳанги Ҷумҳурии			

	Тоҷикистон дар замони истиқлолият. Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати байналхалқӣ. Вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ дар шароити чаҳонишавӣ. "Дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асри XXI". Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол.		
БФГ 03	**Забони тоҷикӣ** Аҳамияти ичтимоии забон. Забони тоҷикӣ дар масири таърих. Хусусиятҳои муштарак ва хоси забонҳо. Вижагиҳои умумии забонҳои ҳиндуаврупоӣ. Забонҳои гурӯҳи эронӣ. Мақоми забони тоҷикӣ дар байни забонҳои ҳиндуаврупоӣ. Андешаи донишмандон дар бораи забони тоҷикӣ. Маълумоти мухтасар дар бораи таърихи пайдоиши хат. Тағйирот дар алифбои тоҷикӣ. Шиносоӣ бо навъҳои хат. Меъёрҳои талаффуз дар забони адабии тоҷикӣ. Овозҳои ҳамсадову садоноки забони тоҷикӣ. Талаффуз ва имлои овозҳои и, й, у, ӯ, э. Имлои ҳарфҳои мушаддад. Кор бо матнҳои адабӣ. Имлои ҳарфҳои й, ж, ъ. Таҳлили матнҳои тахассусӣ. Кор бо матнҳои осори таърихӣ. Фаҳмиш ва шинохти ҳиҷо. Саҳми овозҳои садонок дар ташаккули ҳиҷо. Ҳиҷои кушода ва баста. Меъёрҳои ҳиҷочудокунӣ, қоидаи ба сатри дигар гузаронидани онҳо. Ҳодисаҳои савтӣ (фонетикӣ) ва сабабҳои рухдиҳии онҳо. Монандшавӣ, табдилёбӣ ва ҷойивазкунии овозҳо. Ихтисорёбӣ, коҳишёбӣ ва афзоишёбии овозҳо. Кор бо матн. Мушкилоти имлои ҳиссаҳои нутқ. Имлои исмҳое, ки ду тарзи навишт доранд. Имлои исмҳои кӯтоҳкардашуда. Бо истифодаи исмҳои сохта тартиб додани ҷумлаҳо. Имлои исмҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи сифат ва имлои он. Имлои сифатҳои сохта. Маълумоти умумӣ дар бораи шумора ва имлои он. Имлои шумораҳои тахминӣ ва касрӣ. Имлои шумораҳои мураккаб ва таркибӣ. Кор бо матн. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷонишинҳо ва имлои онҳо. Имлои ҷонишин. Кор бо матн. Маълумоти мухтасар дар бораи феъл ва имлои он. Имлои сифати феълӣ. Имлои феъли ҳол. Маълумоти мухтасар оид ба зарф, хелу сохт ва имлои он. Имлои зарфҳои сохта ва мураккаб. Маълумоти мухтасар оид ба ҳиссаҳои ёвари нутқ ва имлои онҳо. Имлои пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо. Имлои ҳиссачаҳо ва нидо. Манбаъ ва роҳҳои икишофи забони тоҷикӣ. Таркиби луғавии забон-бойгарии забон. Аломату нишонаҳои калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ. Таснифи калима аз ҷиҳати маъно ва доираю дараҷаи истеъмол. Муродифоти луғавӣ ва роҳҳои пайдошавии онҳо. Мураттаб сохтани силсилаи муродифоти луғавӣ. Калимаҳои ҳамгун (омонимҳо) ва тафовути онҳо аз калимаҳои сермаъно. Муттазод (д) (антоним) ва сохту таркиби онҳо. Маълумоти мухтасар оид ба вожаҳои куҳна ва наввожаҳо. Вожаҳои таърихан маҳдудшуда ва мавқеи истеъмоли онҳо. Кор бо матнҳои таърихӣ. Вожаҳои нав (неологизмҳо) ва аҳаммияти онҳо. Сохтору мухтавои луғатҳои фаннию соҳавӣ. Кор бо луғатҳои фаннию соҳавӣ. Истилоҳ ва истилоҳпазирӣ.	**4**	**96**

	Маълумоти мухтасар доир ба калимаҳои малеҳу қабеҳ ва хусусиятҳои услубии онҳо. Мавридҳои истеъмоли калимаҳои малеҳ ва қабеҳ. Аз матни осори манзуму мансур чудо кардани калимаҳои малеҳ ва қабеҳ. Маълумоти мухтасар оид ба ибораҳои мачозӣ ва нақши онҳо. Вижагиҳои ибораҳои мачозӣ. Меъёри шиноҳти ибораҳои рехта. Кор бо фарҳанги ибораҳои рехта. Маълумоти мухтасар дар бораи нахв (синтаксис) ва аломатҳои китобат. Нахв-мизони каломи мансур. Ибора ва ибораорой. Сохтори ибораҳои гуногун. Аҳамияти воҳидҳои нахв. Анвои чумлаҳои сода ва корбасти онҳо. Ҷумлаи содаи чидааъзо ва аломатҳои китобат дар он. Шарҳи мухтасари воҳидҳои туфайлии ҷумла. Воҳидҳои туфайлӣ ва аломатҳои китобат дар онҳо. Аъзоҳои истисноии ҷумла ва аломатҳои китобатӣ дар онҳо. Аз матнҳои мушаххас ёфтани воҳидҳои туфайлӣ ва аъзои истисноӣ. Маълумоти мухтасар дар бораи хусусияти маъноию сохтории чумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва аломатҳои китобат дар онҳо. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва аломатҳои китобат дар онҳо. Аз осори манзуму мансур ёфтани чумлаҳои мураккаб. Маълумоти мухтасар дар бораи нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Нутқи айнан нақлшуда ва аломатҳои китобат дар он. Нутқи мазмунан нақлшуда ва аломатҳои китобат дар он. Дар асоси матни мушаххас нутқи айнан-нақлшударо ба мазмунан нақлшуда баргардондан. Маълумоти мухтасар оид ба услубҳои забон ва хусусиятҳои дастурии онҳо. Услуби бадеӣ ва хусусиятҳои он. Услубҳои дигари нутқ ва хусусиятҳои онҳо. Кор бо услубҳои гуногуни забон дар асоси матнҳои мушаххас. Маълумоти мухтасар оид ба ҳуҷҷатнигорӣ ва хусусиятҳои дастурии он. Ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва хусусияти онҳо. Навиштани ариза, забонхат, шарҳи ҳол, дархост, баёнот. Ҳуҷҷатҳои расмӣ-идорӣ ва хусусиятҳои онҳо.		
БФГ 04	**Забони русӣ** Язык и общество. Выражение субъектно-предикатных отношений. Человек в современном мире. Выражение действия, состояния, свойства предмета. Образование. Молодёжь-будущее страны. Выражение объектных отношений в простом предложении. Тема Родина. По родному краю. Выражение определительных отношений в простом предложении. Человек и природа. Экология – проблема современности. Выражение пространственных отношений в простом предложении. Таджикистан и Россия в современном мире. Выражение временных отношений в простом предложении. В мире прекрасного. Выражение условных и уступительных отношений в простом предложении. Праздники, обычаи, традиции. Выражение причинно-следственных и целевых отношений в простом предложении. Средства массовой информации. Выражение образа действия, качественной и количественной характеристики действия (состояния) и признака в простом предложении. Спорт в нашей жизни. Выражение соединения	**6**	**144**

	(присоединения), сопоставления, противопоставления, разделения в простом предложении с однородными членами. Моя специальность. Выражение соединения-присоединения, сопоставления, разделения в сложносочиненном предложении. Наука для общества. Выражение структурно-смысловых связей в сложноподчиненном предложении. Достижения мировой науки и техники. Выражение изъяснительных значений в сложноподчиненном предложении. Научно-исследовательская работа студентов. Выражение определительных значений в предложении с обособленными оборотами и в сложноподчиненном предложении. Новые технологии. Выражение определительных значений разными способами. Из жизни замечательных людей. Выражение пространственных значений в сложноподчиненном предложении. Культура речи и особенности речевого поведения в профессиональной сфере. Выражение временных значений в сложноподчиненном и бессоюзном предложениях. Текст как единица общения. Выражение значений меры и степени, сравнения, сопоставления в сложноподчиненном предложении. Функционально-смысловые типы речи. Описание. Повествование. Рассуждение. Выражение значения цели в сложноподчиненном и бессоюзном сложном предложениях. Функциональные стили речи русского языка. Выражение причинно-следственных значений в сложноподчиненном и бессоюзном сложном предложениях. Официально-деловой стиль. Выражение условных и уступительных значений в сложноподчиненном и бессоюзном сложном предложениях. Научный стиль речи, его основные особенности. Сложные синтаксические конструкции. Прямая и косвенная речь.		
БФГ 05	**Сотсиология** Сотсиология ҳамчун илм. Сохтор ва дараҷаҳои донишҳои сотсиологӣ. Мутолиа ва конспекти китоби «Моҳияти тахайюлоти сотсиологӣ» (русӣ). Объект, предмет, метод ва вазифаҳои илми сотсиология. Қонун ва категорияҳои сотсиология. Ақидаҳо ва гояҳо оиди пайдоиши ҷомеа (Гофман А.Классическое и современное этюды по истории и теории социологии). Заминаҳои таърихии инкишофи таълимотҳои иҷтимоӣ. Марҳилаҳои таърихии инкишофи таълимотҳои иҷтимоӣ. Конспекти китоби Ибни Халдун. Муқаддима. Ҷ2. Барқароршавӣ ва рушди илми сотсиология. Таълимот, равия ва мактабҳои сотсиологӣ. Назарияҳои классикии сотсиологӣ. Ҷамъият ҳамчун низоми худинкишофёбанда. Назарияҳо оиди пайдоиши ҷамъият ва ҷомеаи иттилоотӣ. Мутоила ва конспекти мавзуи «Идеология ва таснифоти он». Низоми маданият дар муҳити иҷтимоӣ. Маданияти миллӣ ва хусусиятҳои он. Мутолиа ва конспекти мавзӯи «Ҳуввияти миллӣ ва масъалаи худшиносӣ». Сотсиологияи шахс. Иҷтимоишавии шахс. Талаботҳои шахс (Конспекти асари Маслоу А. Талаботҳои шахс). Умумиятҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Умумиятҳои	**3**	**72**

	этникӣ ва ҳудудӣ. Мутолиа ва конспекти мавзӯи «Миллат ҳамчун умумияти этникӣ». Тағйиротҳои иҷтимоӣ. Омилҳои иҷтимоии рушди ҷомеа. Мутоила ва конспекти асари Штомпка П.Сотсиологияи тағйироти иҷтимоӣ. Глоболизатсия (ҷаҳонишавӣ) ҳамчун марҳилаи нави инкишофи ҷамъият. Модернизатсия (азнавсозӣ) ва хусусиятҳои он. Конспекти китоби Бек У. Что такое глобализация. Институтҳо (ниҳодҳо)-и иҷтимоӣ. Оила ва таълимот ҳамчун институти иҷтимоӣ. Конспекти таҳлилии асари Дюркгейм Э. Сотсиологияи маориф. Сотсиологияи ВАО ва иртибот. Нақши ВАО дар рушди ҷомеа. Мутолиа ва конспекти мавзӯи «Интернет ва фарҳанги истифодаи он». Ташкилотҳои иҷтимоӣ. Таснифоти ташкилотҳои иҷтимоӣ. Мутолиа ва конспекти мавзӯи «Бюрократия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ». Китоби Вебер М. Протестантизм ва рухи капитализм. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд. Синфи миёна ва нақши он дар ҷомеа. Мутолиа ва конспекти мавзӯи «Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона». Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Табақабандӣ (стратификатсия) – иҷтимоӣ. Нобаробарии иҷтимоӣ ва масъалаи ҳифзи иҷтимоӣ. Низоми табақабандии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон (маърӯзаи илмӣ). Ҷойивазкунии иҷтимоӣ. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ. Назарияи табақабандӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоии П.Сорокин (маърузаҳои илмӣ). Низоъҳои иҷтимоӣ. Истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили рушди устувори Тоҷикистон. Қафрафтории иҷтимоӣ. Назарияҳои қафрафтории иҷтимоӣ. Омилҳои иҷтимоии қафрафтории иҷтимоии ҷавонон ва масъалаи гаравиши онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро (маърӯзаи илмӣ). Назорати иҷтимоӣ. Роҳҳои пешгирии қафрафтории ҷавонон дар Тоҷикистон. Тавзеҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» (конспект). Методология ва техникаи гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ. Барнома ва нақшаи тадқиқоти сотсиологӣ. Конспекти асари Ядов В.А. Стратегия социологического исследования. Методҳои ҷамъоварии ахбори сотсиологӣ. Пурсиши анкетавӣ ва истифодаи он дар тадқиқоти сотсиологӣ. Кори саҳроӣ дар тадқиқоти сотсиологӣ. Пур кардани анкетаҳои омодашуда аз тарафи донишҷӯён. Мусоҳиба ҳамчун методи сифатии тадқиқоти сотсиологӣ. Фокус-гурӯҳ дар тадқиқоти сотсиологӣ. Гузаронидани мусоҳиба ва коркарди натиҷаҳои он (аз тарафи донишҷӯён дар мавзӯи муайян гузаронидани мусоҳиба). Таҳлили ҳуҷҷатҳо. Интихобномаи тадқиқоти сотсиологӣ. Истифодаи усули таҳлили ҳуҷҷатҳо ҳангоми навиштани реферат ва корҳои курсӣ (Эссе). Коркард ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ. Навиштани ҳисоботи тадқиқоти сотсиологӣ. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ. Аз тарафи донишҷӯён навиштани ҳисобот оиди натиҷаҳои		

	тадқиқоти гузаронидашуда (ҳисобот).		
БФГ 06	**Сиёсатшиносӣ**	**4**	**96**
	Сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ. Сиёсат ҳамчун санъати идораи корҳои давлатӣ. Мутолиа ва конспект аз китоби Арасту «Сиёсат». Сиёсатшиносӣ илм дар бораи сиёсат. Методҳо ва муносибатҳои методологӣ дар омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ. Мутолиа ва конспекти китоби М.Вебер «Сиёсат ҳамчун истеъдод ва касб» ва Низомулмулк «Сиёсатнома». Марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ. Таълимоти сиёсии мутафаккирони Давраи Эҳё ва Замони нав. Мутолиа ва конспект аз китоби Никколо Макиавелли «Шаҳриёр» ваА. Низомулмулк «Сиёсатнома». Афкори сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик. Саҳми мутафаккирони тоҷику форс дар рушди донишҳои сиёсӣ. Мутоила ва конспект вобаста ба мавзӯъ аз китобҳои Бобоҷон Гафуров «Тоҷикон» ва Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Ҳокимияти сиёсӣ. Манбаҳои ҳокимият ва машруият (легитимият)-и он. Мутолиа ва омода намудани маърӯза аз китобҳои Макс Вебер. Сиёсат ҳамчун касб ва мақом ва Макс Вебер. Ҳукмронии харизматикӣ. Идеологияи сиёсӣ. Ҷараёнҳои идеявию сиёсии замони муосир. Мутолиа ва конспект аз китоби Мухаев Р.Т. «Политология» бо истифода аз асари Карл Маркс, Фридрих Энгелс. Идеологияи немис. Истиқлолияти сиёсӣ. Дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мутолиа ва конспект аз китоби Жан Боден «Шаш китоб дар бораи давлат», Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. ва Раҳмонов Э. Дах соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Системаи сиёсии ҷомеа. Рушди институтҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар раванди ташаккулёбии давлатдории навин. Мутолиа намудан ва омода кардани маърӯза аз китоби Истон Дэвид. Системаи сиёсӣ. ва Багоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Давлат дар системаи сиёсӣ. Назарияҳои пайдоиши давлат ва моҳияти онҳо. Мутолиа намудан ва омода намудани маърӯза аз китоби Раҳмонов Э.Ш. Дах соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ ва Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (Рисола дар назми тамаддун ва тавоун). Ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбӣ. Нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар рушди ҷомеаи муосир. Мутолиа ва конспект аз китоби Морис Дюверже. Ҳизбҳои сиёсӣ. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ. Мутолиа ва конспект аз китоби В.И.Ленин. Давлат ва инқилоб. Режими сиёсӣ. Таъмини имкониятҳои баробар ва раванди ташаккулёбии кафолатҳои давлатӣ. Мутолиа ва конспект кардани китоби Дюверже Морис. Режимҳои сиёсӣ ва Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. Элитаи сиёсӣ ва сарварии сиёсӣ. Нақши сарвар ва Пешвои миллат дар рушди ҷомеа. Мутолиа намудан ва омода кардани презентатсия барои тахтаи электронӣ аз китоби Политические элиты // Мухаев Р.Т. Политология. Ҷомеаи		

	шаҳрвандӣ. Рафтори сиёсии шаҳрванд ва рушди маданияти шаҳрвандӣ дар шароити муосир. Мутолиа намудани китоби Ибни Сино. Тадбири манзил ва конспект кардани қисмате аз китоби Гегел Георг. Фалсафаи ҳуқуқ. Демократия ҳамчун шакли ҳокимият ва воситаи раванди сиёсӣ. Нақши ниҳодҳои сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ дар рушди ҷомеаи мутамаддин. Мутолиа ва омода кардани маърӯза аз китоби Ҷон Локк. Ду рисола дар бораи идоракунӣ. Интихобот ва системаҳои интихоботӣ. Тартиби пешбарии номзадҳо ва тарзи баргузории маъракаҳои сиёсӣ. Мутолиа ва конспект кардани китоби «Тоҷикистон 20» ва мухтавои рисолаи илмии Камолова М.Р. Процесс выборов и их особенности в Республике Таджикистан. Низои сиёсӣ ва музокирот. Нақш ва мавқеи миёнаравӣ дар ҳалли низоъ. Мутолиа ва конспект кардани китоби Дорендорф Ралф Густав «Низоъ ва озодӣ» ва Маҳмадов А.Н. Социология конфликта. Дин ва сиёсат. Давлати дунявӣ ва моҳияти он. Мутолиа намудан ва омода кардани маърӯза аз китоби «Таърихи динҳо» ва Абдуллоев Ш. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология. Миллатҳо ва муносибатҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир. Ташаккули худшиносии миллӣ дар шароити рушди давлатдории миллӣ. Мутолиа намудан зерин ва омода кардани маърӯза дар мавзӯи «Истиқлолияти миллӣ» китоби Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Рамзҳои сиёсӣ. Нишону Парчами давлатӣ-ифтихори миллӣ. Мутолиа ва конспект намудани муҳтавои асосии мавзӯъ аз китоби Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ. Маданияти сиёсӣ ва роҳҳои ташаккули он. Мутолиа ва конспект кардани қисми дахлдор ба мавзуъ аз китобим Политология, под редакции В.Н Лавриенко. Сиёсат ва воситаҳои ахбори омма. Нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушду нумуи ҷомеаи демократӣ. Мутолиа ва конспект кардани китоби «Тоҷикистон-20». Муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии давлат. Таҳкими ҳуқуқи байналхалқӣ ва раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ. Мутолиа ва конспект кардани китоби Назаров Т., Саттрзода А.Дипломатияи муосири тоҷик. Амният ҳамчун падидаи системаи иҷтимоию сиёсӣ. Терроризми байналхалқӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ. Мутолиа ва омода намудани маърӯза дар асоси Стратегияи амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Лоиҳаи ташаббусӣ) ва Маҳмадов А.Н., Юнусов Т.Ҷ., Рачабов Ш.А. Амният ҳамчун падидаи системаи иҷтимоӣ. Ҷаҳонишавӣ ва назарияи геополитикии олам. Назарияҳои геополитикии муосир. Мутолиа ва конспект аз китоби Збигнев Бзежинский «Тахтаи бузурги шоҳмот».		
БФГ 07	**Ҳуқуқ** Мафҳум ва моҳияти давлат. Давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. Мутолиа ва конспекти порчаҳо аз китобҳои Поздняков Э.А. Философия государства и права: Чиркин В.Е. Современное государство; Миралиев И.К. Правовое	3	72

БФТ 01	**Профпатология** Муқаддимаи курси бемориҳои касбӣ. Пневмокониозҳо. Силикозҳо. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ. Пневмокониозҳо. Силикозҳо. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ. Бемории лаппишхӯрӣ. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ. Захролудшавии музмини қӯрғошимӣ. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ. Захролудшавии музмини симобӣ ва фторӣ. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ. Захролудшавӣ бо захрҳои химиявӣ ва песитсидҳо. Этиология. Патогенез. Тасниф. Клиника. Ташхис. Табобат. Пешгирӣ.	**3**	**72**
БФТ 02	**Варзиши муолиҷавии тиббӣ** Фан ва вазифаҳои варзиши табобатӣ. Барқароршавӣ – мафҳумҳои асосӣ. Асосҳои умумии варзиши муолиҷавии тиббӣ (ВМТ). Манфиати ВМТ. Таснифоти машқҳои ҷисмонӣ. Моҳияти таъсирнокии машқҳои ҷисмонӣ ба организм. Бозиҳо ҳамчун маводҳои ВМТ. Машқҳои варзишӣ-амалӣ. Омилҳои устуворсозӣ (обутобдиҳӣ). Шаклҳои ВМТ. Гимнастикаи гигиении пагоҳирӯзӣ ҳамчун шакли ВМТ. Муолиҷаи гимнастикаи табобатӣ ва қисмҳои тартибдиҳандаи он, принсипҳои сохтор ва маводҳои ВМТ. Усул ва қоидаҳои гузаронидани ВМТ. Усулҳои гузаронидани машғулиятҳо. Терренкур. Эрготерапия. Масҳ. Таснифоти масҳ. Усулҳои маҳскунӣ, нишондод ва	**4**	**96**

	гайринишондод. Хусусиятҳои таъиноти ВМТ ҳангоми як қатор патологияҳо. ВМТ ҳангоми бемориҳои системаи дилу рагҳо, шушҳо, роҳҳои нафас, бемориҳои дастгоҳи таҳяву ҳаракат. Назорати табобатӣ. Вазифа ва мақсади варзиши муолиҷавӣ дар диспансеркунонии аҳолӣ. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мустаҳкамкунии саломатӣ, пешгирии беморӣ ва баланд бардоштани қобилияти корӣ.		
БФТ 03	**Урология** Физиологияи клиникии гурдаҳо ва роҳҳои болоии пешобгузар. Алоимшиносии (симптоматологияи) касалиҳои урологӣ. Усулҳои тадқиқот. Ташхисоти рентгенологӣ. Ташхисоти радиоизотопӣ. Инҳирофи инкишофи роххои пешобгузар. Осеби роххои пешобгузар. Осебшавии узвҳои системаи пешобу таносул. Осеби гурда. Осеби пешобдон. Осеби мақрои пешобрез. Осеби узвҳои хоҷадон. Осеби олати мардӣ. Беморихои илтихобии гайрихусусӣ ва хусусии роххои пешобгузар. Пиелонефрит. Мавҷшавии пистонакҳои гурда. Туберкулёзи узвҳои системаи пешобу таносул. Ташкил намудани мубориза зидди туберкулёзи узвҳои пешобу таносул. Актиномикоз. Шистоматози узвҳои пешобу таносул. Бемории санги пешоб. Сангҳои гурда ва ҳолибҳо. Санги пешобдон. Омоси роххои пешобгузар. Омосҳои гурда. Омосҳои фазои паси сифоқ. Омосҳои пешобдон. Омосҳои мақрои пешобрези мардҳо ва занҳо. Аденома ва саратони ғадуди простата. Норасоии шадид ва музмини гурдаҳо. Фишорбаландии гурдавӣ (нефрогенӣ). Ҳолатҳое, ки ёрии таъҷилиро талаб менамоянд: Халаи гурдавӣ. Ҳематурия (пайдо шудани хун дар пешоб). Касалиҳои илтиҳобии шадид. Анурия.	**3**	**72**
БФТ 04	**Ташхиси шуоӣ ва муолиҷаи шуоӣ** Усулҳои шуоии тадқиқ: ташхиси рентгенӣ, ТК, ТМР ва ТУС, принсипи кори онҳо. Усулҳои шуоии тадқиқ: ташхиси радионуклидӣ, термография варадиология интервенсионӣ, принсипи кори онҳо. Ташхиси шуоии шушҳо. Анатомияи шуоии шушҳо. Аломату нишонаҳои шуоии касолати шушҳо. Усулҳои ташхиси шуоии бемориҳои узвҳои ҳозима. Аломату нишонаҳои шуоии касолати роҳи меъдаву рӯдаҳо. Анатомияи шуоии скелет. Аломату нишонаҳои шуоии касолати скелет. Ташхиси шуоии системаи гепатопанкреатобилиарӣ. Ташхиси шуоӣ дар нефрология ва урология. Ташхиси таъхирнопазири шуоӣ ҳангоми беморихои шадид ва осебҳои узву системаҳои дарунӣ. Табобати шуоӣ: принсипҳои саратоншиносии радиатсионӣ, асосҳои клиникию биологии муолиҷаи шуоии омосҳо. Дозиметрия. Табобати шуоӣ: банакшагирии клиникию дозиметрии табобати шуоӣ ва таъминоти технологии табобати шуоӣ. Бехатарии радиатсионӣ дар ташхиси рентгенӣ ва радиологияи интервенсионӣ.	**4**	**96**
БФТ 05	**Стоматология** Фанни стоматология, мақсад ва вазифаҳои омӯзиш. Кариес, пулпит, периодонтит. Бемориҳои илтиҳобии одонтогении	**2**	**48**

	минтақаи чоғу рӯй. Периостит, остеомиелити чоғҳо. Абсесс ва флегмонаҳои бофтаҳои назди чоғӣ. Протсессҳои ғайриодонтогении илтиҳобӣ (фурункул, карбункул, номаи рӯй, саромос, реши сибирӣ). Хусусиятҳои коркарди аввалини ҷарроҳии захмҳои рӯй. Шикасти устухонҳои рӯй ва косахонаи сар. Омосҳо ва варамиҳои омосмонанди минтақаи чоғу рӯй. Принсипҳои ҷарроҳиҳои нуқсону деформатсияҳои минтақаи чоғу рӯй. Ҷарроҳиҳои барқарорсозии роғи модарзодии рӯй ва ком. Тармим бо бофтаҳои маҳаллӣ, бо шохаи Филатов, тармими озоди бофтаҳо.		
БФТ 06	**Анестезиология ва реаниматология** Ташкил намудани хизматрасонии анестезиологию реаниматологӣ. Дастгоҳҳо барои наркоз ва нафаси сунъӣ. Назария ва клиникаи наркоз. Усулҳои беҳискунии умумӣ бо истифодаи миорелаксантҳо. Усулҳои махсус, ки дар анестезиология ва реаниматология истифода мешаванд. Беҳискунии мавзеӣ ва ноҳиявӣ. Усулҳои беҳискунӣ ва бедардкунӣ дар акушерӣ. Табобати вусъатнок ва реаниматсия ҳангоми гарқшавӣ. Табобати вусъатнок ва реаниматсия ҳангоми садамаи баркӣ. Қоидаҳои умумии реаниматсия. Табобати вусъатнок ҳангоми захролудшавии шадид. Табобати вусъатнок ва реаниматсия ҳангоми ҳолатҳои садмавӣ. Усулҳои соддаи реаниматсияи дилу шушҳо ва магзи сар.	4	96
БФТ 07	**Амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографӣ** Асбобҳои умумии ҷарроҳӣ ва истифодаи онҳо. Блоки ҷарроҳӣ. Анатомияи топографии қисмати магзии сар. Анатомияи топографии асоси чумчума ва рӯй. Ҷарроҳии сар. Анатомияи топографии деворааи гардан. Анатомияи топографии узвҳои гардан. Ҷарроҳии гардан. Трахеостомия ва лӯлагузории ҳанҷара. Анатомияи топографии деворааи сина, ковокии ҷанбӣ ва шушҳо. Анатомияи топографии узвҳои миёндевори пеш. Анатомияи топографии узвҳои миёндевори ақиб. Ҷарроҳии деворааи қафаси сина ва узвҳои ковокии сина. Ҷарроҳии қафаси сина ва узвҳои ковокии қафаси сина. Анатомияи топографии деворааи шикам. Анатомияи топографии узвҳои фазои пасишикамӣ ва ҷарроҳии онҳо. Ҷарроҳии деворааи шикам. Чок кардани чурра. Анатомияи топографии ковокии шикам. Принсипҳои асосии амалиёти ҷарроҳии роҳҳои ҳозима ва узвҳои паренхиматозӣ. Принсипҳои асосии амалиёти ҷарроҳии роҳҳои ҳозима (дарзи рӯдаӣ). Анатомияи топографии сутуни муҳраҳо ва ҷарроҳии он. Анатомияи топографии девора, узвҳои кос ва ҷарроҳии онҳо. Анатомияи топографии ҷанбаракҳои болоӣ. Анатомияи топографии ҷанбаракҳои поён. Ҷарроҳии бофтаҳои нарми ҷанбаракҳо: рагҳо, асаб ва пай, устухон ва буғумҳо. Ампутатсия.	5	120
БФТ 08	**Травматология, ортопедия ва ҷарроҳии ҳарбӣ- саҳрой** Травматология ва ортопедия. Усулҳои асосии ташхис ва табобати беморони гирифтори садама. Усулҳои муоинаи беморони гирифтори садама ва нуқсонҳои андому ҳаракат.	8	192

	Контрактураи буғумҳо. Маълумот дар бораи фанни осебшиносӣ ва раддодӣ. Принсипҳои асосии ташхис ва табобати маризон. Баромадагиҳои осебӣ. Осебҳои дасту пой. Баромадагиҳои модарзодии рон. Нуқсонҳои қаду комат. Сколиоз. Қаҷгардонӣ. Оқибатҳои фалаҷи магзисарӣ ва фалаҷи кӯдак. Остеохондропатия. **ЧҲС.** Асосҳои ёрии ҷарроҳӣ ба маризон дар марҳилаҳои тибби эвакуатсионӣ. Захмҳои яроқи оташфишон. Захмҳои оташфишони рагҳои хунгузар, хунравӣ. Шоки садамавӣ. Синдроми маҷақшавии дарозмуддат. Оризаҳои сироятии захмҳо оташфишон. Осебҳои қафаси сина. Осебҳо ва захмҳои оташфишони шикам, кос ва узвҳои он. Осебҳои оташфишони андомҳо. Иммобилизатсия.		
БФТ 09	**Эндокринология** Тасаввуроти умуми дар бораи ғадудҳои секресияи дарунӣ. Танзими секресияҳо ва механизми таъсири гормонҳо. Шиносоӣ бо нақшаи таърихи беморӣ ва асосҳои назорати бемории эндокринӣ. Нуқтаи назариявии деонтологияи тиб дар эндокринология. Шиносоӣ ва истифодабарии сарчашмаҳои адабиёт оид ба масъалаҳои амалии эндокринология. Беморихои системаи гипоталамо-гипофизарӣ. Бемории Исенко-Кушинг (таснифот, этиопатогенез, клиника, ташхис, ташхиси тафриқӣ, табобат). Тавсири анатомӣ-физиологии ғадуди сипаршакл. Биосинтези ҳормонҳои тиреоидӣ. Ҷоғари минтақавӣ: сабаб, пайдоиш, таснифот, клиника, табобат, пешгирӣ. Низомномаи асосии Барномаи байналмилалии муборизаба норасоии йод. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бо йод таъмин намудани намак». Мониторинги касалиҳои норасоии йод. Гипотиреоз: омӯзиши сабаб ва пайдоиши касали, тасниф, клиника, ташхиси камфаъолияти ғадуди сипаршакл. Ҷудо кардани беморон аз рӯи вазниниҳои гуногуни гипотиреози аввала. Ташхиси тафриқии гипотиреози аввала ва дуюма. Оризаҳо. Усулҳои табобат. Сабаб, пайдоиш, таснифоти чоғари нуфузноки захрогенӣ. Ҷудо кардани беморон аз рӯи ҳолатҳои вазнини тиреозахрогенӣ. Ташхиси тафриқи чоғари захрогении нуфузнок. Хуруҷи тиреозахрогении, сабаб, этиопатогенез, клиника, ташхис. Принсипҳои табобати ҳозиразамони чоғари захрогении нуфузнок ва душвории он. Пешгирии беморӣ. Хусусиятҳои анатомияи ва физиологияи устухон. Остеопороз (сабаб, тасниф, пайдоиш, ташхис, усулҳои пешгирӣ, табобат). Анатомия ва физиология ғадуди зери меъда. Диабети қанд. Омӯхтани эпидемиология, сабаб ва пайдоиши диабети қанди навъи 1 ва 2. Ҷудо кардани беморон бо зуҳуротҳои гуногуни диабети қанд, бо асос ташхис намудани бемории асосӣ ва ҳамбаста. Ташхиси тафриқӣ. Мафҳум дар бораи ангиопатияи диабетӣ, таснифи онҳо, аҳамияти ташхиси токлиникии онҳо. Микроангиопатияҳои диабетикӣ (ретинопатия, нефропатия). Нейропатияи диабетӣ. Макроангиопатияи	3	72

	диабетӣ. Ангиопатияи универсалӣ. Ангиопатияи диабетӣ бо назардошти сину сол. Омӯзиши принсипҳои асосии муолиҷаи беморони диабети қанд шакли I ва II. Табобати парҳезӣ ҳамчун усули мустақили муолиҷа, муолиҷа бо доруҳои даҳонгузарӣ қандпасткунанда ва доруҳои инсулин. Тартиб додани нақшаи муолиҷаи беморони диабети қанд дар шароити беморхона ва шароити дармонгоҳӣ. Назорат дар муолиҷа. Шинос кардани донишҷӯён бо усулҳои асосии худназораткунии диабети қанд дар беморон. Муҳокимаи касалии беморон аз рӯи шаклҳои вазнини диабети қанд. Омӯзиши клиникӣ, ташхис ва муолиҷаи беморон дар ҳолатҳои таъҷили. Саволҳо оиди диспансеризасия ва муайян кардани қобилияти кории беморони диабети қанд.		
БФТ 10	**Ҷарроҳии кӯдакона** Инкишофи модарзодии сурхрӯда. (атрезияи сурхрӯда, ахалазия ва халазияи сурхрӯда, сурхрӯдаи кӯтоҳ, рефлюкси эзофагит). Нуқсонҳои инкишофи шуш (эмфиземаи лобарӣ, кистаҳои шуш, пневмоторакси шидатнок, секвестрасияи шуш). Чурраи диафрагмалӣ. Нуқсонҳои инкишофи меъда ва рӯдаи борик дар кӯдакон. (Хусусиятҳои анатомо-физиологии кӯдакон. Нуқсонҳои пилеростеноз, ногузароиши болои модарзодии рӯда, Синдроми Ледда ва ғайра). Ногузароиши шадиди рӯда дар кӯдакон. Инвагинасияи рӯда. Нуксони инкишофи рӯдаи ғафс ва ноҳияи мақъаду рӯдаи мустақим дар кӯдакон. (Бемории Гиршрунг, мегадолихосигма, атрезияи мақъад ва рӯдаи мустақим, клоака). Бемориҳои фасодию-септикӣ дар навзодон (Энтероколити решию-некротикӣ, флегмонаи некротикии навзодон, омфалит, псевдофрункулёз, мастити навзодон). Аппендисити шадид ва оризаҳои он дар кӯдакон. (Хусусиятҳои равиши аппендисити шадид дар навзодон ва кӯдакони ширмак). Перитонит дар кӯдакон. Хусусиятҳои ҷараёни он дар навзодон. Остеомиелити гематогени дар кӯдакон. Остеомиелити эпифизари дар навзодон. Бемориҳои фасодии шушҳо дар кӯдакон (Илтиҳоби шадиди деструктивии шушҳо, бемории бронхоэктаз, пневмонияи музмин). Бемории эхинококкӣ дар кӯдакон. Нуқсонҳои инкишофи системаи пешоброҳа (гурда, ҳолиб, масона ва иҳлил) дар кӯдакон. Нуқсони изофаии маҳбалии сифоқпарда (чурра, гидроселе, криптorхизм). Бемории санги пешоб ва оризаҳои он. Хусусияти хоси чораҳои эҳёи дулу шуш ва бедардкунӣ дар кӯдакон. Захролудӣ дар кӯдакон. Табобати иншорӣ дар кӯдакон. Садамаи қафаси сина, батн ва роҳи пешоб.	**5**	**120**
БФТ 11	**Фтизиатрия** Таърихи инкишофи фтизиатрия, сабабҳо ва пайдоиши бемории сил, эпидемиологияи бемории сил. Мафҳуми бемории сил. Таърихи пайдоиши бемории сил ҳамчун бемории иҷтимоӣ. Пешгирии махсуси бемории сил, ваксинаи БСЖ. Ҳуҷҷатҳои директивии қабулшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид	**5**	**120**

	ба ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил. Фармонҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди ТУТ оид ба табобати шакли мутобиқгаштаи сил. Роҳҳои дарёфти бемории сил, ташхиси бактериологии сил, ташхиси туберкулинӣ тавсифи туберкулин ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи он. шакли мутобиқгаштаи сил. Роҳҳои дарёфти бемории сил, ташхиси бактериологии сил, ташхиси туберкулинӣ тавсифи туберкулин ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи он. Назорати сироятӣ. Чорабиниҳои назорати сироятӣ. Таснифи клиникии бемории сил. Шаклҳои аввалиндарачаи сил. Сили захролудии кӯдакон ва наврасон. Маҷмӯаи ибтидоии силӣ, сили лимфағадудҳои дохилии қафаси сина, шаклҳои клиники ва рентгенологии он. Оризаҳои сили аввалиндарача. (Сили бронхҳо, пучшавии шуш). Сили пошхӯрдаи шуш. Сабаб ва имроз, клиника, табобат ва ташхиси тафриқави бо дигар бемориҳои шушӣ (саркоидоз, канцерематоз, силикоз, илтиҳоби дутарафаи шуш. Сили пардаҳои нарми магзи сар. Хосияти моеи ҳароммагз. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Сили дуюминдарачаи шуш. Сили ҷузъии шуш, сили иртишохии шуш, думали силии шуш. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Шаклҳои деструктивии бемории сил. Сили ковокидор, сили лифсору ковокидори шуш, сили талаюфии шуш. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. ВНМО ва бемории сил. Нақшаҳои асосии ТЗРВ шиёзмандони мубталои сирояти муштараки БС+ ВНМО. ШМС ва табобати он. Табобати бемории сил. Тавсифи доруҳои зиддисилии қатори якум ва дуюм. Стратегияи Дурнамои «Бозисти сил». Сили рӯдаҳо, сили лимфағадудҳои шикампарда, перитонити силӣ, Клиника, ташхиси тафриқавӣ, табобат ва оқибатҳо. Сили устухон ва буғумҳо. Клиника, ташхиси тафриқавӣ, табобат ва оқибатҳои он. Оризаҳои сили шуш (хунравӣ аз шуш, норасоии кори дилу шуш). Табобати ҷарроҳии сили шуш. Коллапсотерапия.		
БФТ 12	**Курси малакаҳои клиникӣ** Пурсиши бемор (шикоятҳо ва анамнез). Муоинаи умумии бемор (арзёбии шуур, ҳолат, вазъияти бемор, муоинаи қисмати бадан, пӯсту лубпардаҳо, ҳолати мушакҳо, насҷи зери пӯстӣ чарбӣ, устухон ва буғумҳо). Арзёбии конститутсия, қомат, рохгардии бемор. Термометрия. Муоинаи умумӣ ва мавзеии беморони гирифтори бемориҳои узвҳои нафаскашӣ. Ламскунии қафаси сина (муайян намудани мавзеъҳои дарднок, ларзиши овоз ва резистентнокии қафаси сина). Ангуштзании шушҳо (муқоисавӣ, топографӣ, мутаҳаррикии канори поёнии шушҳо). Аускултатсияи шушҳо (садоҳои асосӣ ва иловагии нафаскашӣ). Муоинаи умумии балғам ва кишти бактериологии балғам. Муоинаи умумӣ ва мавзеии бемори гирифтори бемориҳои системаи дилу рагҳо. Ламскунии атрофи дил ва рагҳои калон. Ламскунии набз (сифати набз). Ангуштзании дилу рагҳо (муайян намудани марзҳои таносубӣ ва мутлақи кундии дил, қабзаи дастаи рагӣ,	**5**	**120**

	конфигуратсияи дил, дарозӣ ва арзӣ дил). Аускултатсияи дил (садои зарби дил ва лағтҳо), чен кардани ФХ. Ғузуронидани СБД ва тавзеҳи он. Ламскунии сатҳии шикам (тахминӣ ва муқоисавӣ). Ламскуни амиқи шикам. Ангуштзанӣ ва аускултатсияи шикам. Муоинаи шираи меъда. Муоинаи умумӣ ва мавзеии бемори гирифтори бемории ҷигар ва талхароҳа. Ламскунии атрофи ҷигар ва талхароҳа, симптомҳои барангезандаи талхадон. Ангуштзании атрофи ҷигар (андозаи ҷигар мувофиқи андозаи Курлов). Муайян намудани намунаи ҷигар ва ферментҳо, кастаракунонии рӯдаи дувоздаҳангушта. Муоинаи умумӣ ва мавзеии беморони гирифтори бемориҳои системаи роҳҳои пешобгузар. Ламскунии гурда ва узвҳои пешобҳосилкунанда (дар се ҳолат). Ангуштзании гурда (симптоми сихзанӣ). Муоинаи умумии пешоб ва кишти бактереологии пешоб. Санҷиши фаъолияти гурдаҳо (санҷиши Зимнитский, Ничепоренко, Реберг). Муоинаи умумӣ ва мавзеии беморони гирифтори бемориҳои узвҳои хунофар. Муайян намудани симптоми пучиш, қамчинак. Ламскунии гиреҳҳои лимфавӣ. Муоинаи умумии хун, ретикулотситҳо ва тромботситҳо. Муайян намунаи лахтабандии системаи хун. Мафҳуми малакаҳои муоширатӣ. Қойдаҳои умумии муносибат (фазаҳои ё марҳилаҳои муносибат) Истифодабарии воситаҳои шифоӣ (лафзӣ) ва ғайришифоҳӣ аз тарафи духтур барои ноил гаштан ба ҳамкории самарабахш бо бемор Кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод оид ба малакаҳои ба дастовардашуда, таҳти роҳбарии муаллим (нақшбози кардан). Монеъаҳо дар душворшавии муносибатҳои самараноки духтур ва бемор (дохилӣ ва берунӣ). Кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод оид ба малакаҳои ба дастовардашуда, таҳти роҳбарии муаллим (нақшбози кардан). Мусоҳибаи тиббӣ (мафҳум, қоидаҳои асосӣ, сохтор). Кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод оид ба малакаҳои ба дастовардашуда, таҳти роҳбарии муаллим (нақшбози кардан). Нақш ва ҳунари духтур ва бемор Марҳилаҳои мусоҳибаи клиникӣ. Салоҳияти робитавии духтур. Шахсияти духтур ва сифати психологӣ ё рӯхии он. Рӯҳияи бемор ва хусусияти рӯҳии он. Реаксияи рӯҳӣ (рафтор) ба беморӣ. Муносибат бо беморони гирифтори ВНМО/ БПНМ. Асосҳои ахлоқи тиббӣ (ахлоқи биотиббӣ). Мафҳуми ятрогения ва хатогиҳои духтур. Хисоби зуддии набз ва чен кардани ФА. Малакаҳои муоширатӣ ҳангоми гузаронидани тазриқҳои дохили вариди суръатнок ва дохили вариди бо тарзи чакрагӣ, зери пӯстӣ ва дохили мушакӣ. Тарзи дохили вариди суръатнок ва дохили вариди чакрагӣ гузаронидани моеъҳо. Ёрии аввалин ҳангоми қатъ шудани кори нафас. Хисоби зуддии нафас ва ёри расонидан ҳангоми сулфазанӣ. Ҳисоби зуддии нафас, ёрии таъчили ҳангоми нафастангӣ, буғишавӣ, хунтуфкунӣ ва қатъ шудани кори нафас бо истифода аз малакаҳои муоширатӣ. Ёрии		

	аввалин ҳангоми қатъ шудани кори дил. Ҳисоби зуддии набз, чен намудани фишори артериявӣ, ёрӣ расонидан ҳангоми беҳушии кӯтоҳмудат, коллапс ва қатъ шудани кори дил бо истифода аз малакаҳои муоширатӣ. Асосҳои деонтологияи тиббӣ. Малакаҳои комуникативии азбарнамуда. Мафҳумҳои малакаҳо ва ҷараёни муоширатӣ. Аҳамияти малакаҳои муоширатӣ дар фаъолияти касбии ҷарроҳон. Асос ва хусусиятҳои хосаи ахлоқӣ (деонтология) дар ҷарроҳӣ. Омодасозии рифодот. Ҷобаҷогузории рифодот дар биксҳои Шиммелбуш барои таъқим. Мувофиқатнокии муоширатии ҷарроҳ ва хусусиятҳои психологие, ки онро муайян менамоянд. Интихоби асбобҳо барои коркарди нахустини ҷарроҳии захмҳо. Асосҳои умумии муоширати самаранок бо беморони ҷарроҳӣ, хешовандони онҳо ва мутахассисони гуногуни тандурустӣ. Таъқимгардонии рифодот ва асбобҳои ҷарроҳӣ дар автоклав. Истифодаи воситаҳои шифоҳӣ (вербалӣ) ва ғайришифоҳои муошират аз ҷониби ҷарроҳ барои расидан ба муоширати самаранок байни ӯ ва беморони ҷарроҳ. Таъқимгардонии асбобҳои тези бурранда ва маводҳои захқаш барои захмҳо. Мусоҳибаи (интервюи) тиббӣ дар ҷарроҳӣ: мафҳум, асосҳои заминавӣ, таркибот. Коркарди яғир, захмҳо, решҳо, майдони ҷарроҳӣ ва дастони ҷарроҳ пеш аз ҷарроҳӣ. Вуруд ба мусоҳибаи тиббӣ. Хусусияти пурсиши беморон дар ҷарроҳӣ. Таъқимгардонии либосҳои ҷарроҳӣ. Низом ва тартиби пӯшидани либосҳои ҷарроҳӣ. Фаҳмонидан ва ба нақшагирӣ дар мухосибаи ҷарроҳӣ: вазифаҳои асосӣ, таркиботи марҳилаи мазкури муошират. Хотимадиҳӣ ба мухосиба. Тарзи дуруст пӯшидани никоб, дастпӯшак ва халати беуфунати ҷарроҳӣ. (мустақилона ва бо кӯмаки ҳамшираи ҷарроҳӣ). Мамониятҳое, ки сади роҳи муошират самараноки ҷарроҳ ва бемор мегарданд. Ичроиши гузоштани ҷабираи нақлӣ ва бастани бандинаҳои докагиву латтагӣ. Хусусиятҳои психологӣ, ки мувофиқати муоширатнокии ҷарроҳро паст менамоянд. Ичроиши катетеризатсияи варидҳои канорӣ, бехиссозии мавзеӣ ва гирифтани кукҳои захм. Равонияти (психологияи) беморони ҷарроҳӣ, хусусиятҳои руҳияи онҳо. Ичроиши усулҳои гуногуни хунманкунии муваққатии хунравии беруна. Мулоқот бо беморони ҷарроҳие, ки хусусияти равониятӣ (психологӣ) ва рафтории гуногун доранд. Ичроиши муайянсозии гурӯҳҳои хун бо системаи АВО, омили резус бо усули экспресс ва озмоиши мувофиқати фардии хуни донор ва ретсипиент. Мулоқот бо бемороне, ки мушкилоти гуногун доранд (беморони бо маданияту забон фарқкунанда; беморони кӯр, кар, гунг ва г.). Баҳодиҳии кроии хун ва компонентҳои он барои хунгузаронӣ. Интихоби маҳлулҳо барои табобати инфузионӣ. Мулоқот бо бемороне, ки иллатнокии рӯҳӣ доранд. Буридани пӯст, насҷи зари он, апоневроз ва фастсия. Бастани гиреххои ҷарроҳӣ. Намудҳои муносибат ба беморӣ. Усулҳои таҳияи		

	муносибати мутақобила байни ҷарроҳ ва беморон дар ҳолатҳои мушкил ва фавқулода. Гузоштани зажими хунмонкунанда ба раги хуншори насҷи зери пӯст (шартан). Аксуламали равониятии (рафторӣ) ба беморӣ. Мулоқот бо беморони бо вируси Масъуниятнорасоии инсонӣ сироятёфта. Муайянсозии ҳавои озод дар ковокии шикам, гидро ва пневмоторакс аз рентгенограмма. Шахсияти ҷарроҳ. Талаботи равонӣ ба шахсияти ҷарроҳ. Иҷроиши ҳуқнаҳо (тозакунанда, доругӣ, ташхисӣ ва сифонӣ). Саволномаҳои шахсиятӣ, усулҳои ҷенакии меъёрии зуҳуротии (клиникии) санҷишӣ ва худбаҳогузории беморон. Маҳдудсозии майдони ҷарроҳӣ бо матоҳои беуфунат. Иҷроиши беҳиссозии инфилтратсионии мавзеӣ бо усули Вишневский барои бурриши пӯст.		
V.	**БАХШИ КОРҲОИ ҒАЙРИАУДИТОРӢ**	**30**	**720**
БКҒА 01	**Таҷрибаомӯзии таълимӣ** **- назорати умумии беморони** (соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ) **калонсол ва кӯдакон (баъди курси 1-ум).**	**6**	**144**
БКҒА 02	**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** **- ёрдамчии ҳамшираи палатавӣ - тиббӣ (баъди курси 2-юм):** **- ёрдамчии ҳамшираи муолиҷаи тиббӣ (баъди курси 3-юм)** **- ёрдамчии табиб-статсионар** (соҳаҳои терапевтӣ, ҷарроҳӣ, акушерӣ-гинекологӣ) **(баъди курси 4-ум).**	**18**	**432**
БКҒА03	**Аттестатсияи хатм**	**6**	**144**
ҲАМАГӢ		**350**	**8400**

7.ТАЛАБОТ БА ШАРТҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

7.1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои кории таълим, барномаи кории фан (силлабус), нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён, номгӯи фанҳои элективӣ (интихобӣ), модулҳо ва дигар маводи таъминкунандаи раванди таълим, тақвими академӣ, барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, номгӯи ва тарзи кабули корҳои мустақилона, услуб ва технологияи таълимро мустақилона таҳия ва тасдиқ менамояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки ҳамасола нақшаи кории таълимро бо назардошти рушди илми тиб, техника, фарҳанг, иқтисодиёт, технология ва соҳаи иҷтимоӣ таҷдиди назар намояд.

7.2. Ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯ дар раванди таълим бояд бо истифодаи усулҳои интерактивии гузаронидани семинар, мастер-классҳо дар реҷаи муколама, моделкунонии компютерӣ ва таҳлили амалии натиҷаҳо, баҳсҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотии донишҷӯён, конференсияҳо ва корҳои берун аз аудиторӣ ба роҳ монда шавад. Дар доираи омӯзиши курсҳои таълимӣ бояд гузаронидани вохӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, коршиносон ва мутахассисон пешбинӣ карда шавад.

7.3. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ бояд тавре муайян карда шавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва доништҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад. Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳо тибқи талаботи

Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

7.4. 25-30%-и барномаи таълимиро фанҳои интихобӣ дар бар мегирад. Тартиби ташкили фанҳои интихобӣ бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

7.5. Ҳадди аксари ҳатмии сарбории таълимии донишҷӯ дар як ҳафта бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои корҳои таълимии аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бояд аз 2 кредит (48 соат) зиёд набошад.

7.6. Ҳаҷми кредити машғулиятҳои аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона дар як ҳафта 1,5 кредит (36 соат)-ро ташкил медиҳад.

7.7. Ҳаҷми умумии вақти таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафта, аз он ҷумла дар давраи зимистон 2-ҳафтаро ташкил диҳад.

Маҷмӯи буҷаи вақт

Муҳлати таҳсил	**5 сол**
Таълими назариявӣ	160 ҳафта
Сессияи имтиҳонӣ	23 ҳафта
Таҷрибаомӯзӣ, аз он ҷумла: - таълимӣ - истеҳсолӣ	 4 ҳафта 12 ҳафта
Лексияҳои ниҳоӣ	1 ҳафта
Аттестатсияи хатм	4 ҳафта
Таътил	56 ҳафта
Ҳамагӣ:	**260 ҳафта**

7.8. Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯ:

- дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

- номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 70 кредит дар як соли таҳсил.

- донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 70 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ азхуд намудани 70 кредит ва дар триместр-миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз муҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида хатм намояд;

- дар давраи таҳсил донишҷӯ уҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд;

- ҳангоми ташаккули барномаи таълимии фардии худ таълимгирандагон ҳуқуқ доранд, ки мувофиқи хоҳишашон аз рӯи фанни дилхоҳ (модул) дар донишгоҳ машварат бигиранд, ки ба тахассуси ояндаи онҳо ҳангоми БТ-и тайёрии мутахассис ёрӣ мерасонад;

- донишҷӯ дар ҳолати аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интиқол ёфтанаш ва ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор дар асоси аттестатсия фанҳои азхудкардаашро дар ҳуҷҷат аз нав сабт менамояд.

7.9. Тибқи талаботи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ гузаштани донишҷӯ аз таҷрибаомӯзиҳо, ки ба омодагии касбии ӯ равона карда шудааст, ҳатмӣ

мебошад. Навъи мушаххаси таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ)-ро барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад. Ҳангоми ҷорӣ намудани БТ-и тайёрии бакалаврҳо доир ба самти мазкур (ихтисос) навъҳои зерини таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ мешаванд:

Таҷрибаомӯзиши таълимӣ:

- нигоҳубин ба беморони калонсол ва кӯдакони соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ (дар курси 1 нимсолаи якум ва баъди курси 1).

Таҷрибаомӯзиши истеҳсолӣ:

- ёрдамчии ҳамшираи шафқати ҳучраи беморон-4 ҳафта пас аз нимсолаи чорум;
- ёрдамчии ҳамшираи шафқати ҳучраи табобатӣ-4 ҳафта пас аз нимсолаи шашум;
- ёрдамчии табиби статсионар (соҳаи терапевтӣ, ҷарроҳӣ, акушерӣ-гинекологӣ)-4 ҳафта пас аз нимсолаи ҳаштум.

Мақсаду вазифаҳо, барномаҳо ва тарзи ҳисоботдиҳӣ вобаста ба навъҳои таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишгоҳ муайян карда мешавад.

Таҷрибаомӯзии берун аз донишгоҳ дар ташкилотҳои илмӣ ва тиббие гузаронида мешавад, ки дорои мутахассисони ботаҷриба ва кормандони илмию техникӣ буда, фаъолияти асосии онҳо мавҷудияти объектҳо ва навъҳои фаъолияти касбии хатмкунандагонро доир ба самти мазкур муайян менамояд ва ё дар кафедраву клиникаи донишгоҳ гузаронида мешавад.

Аттестатсияи натиҷаи таҷрибаомӯзӣ мутобиқи талаботҳои муқарраргардидаи ҳисоботи хаттии роҳбари таҷрибаомӯзии корхона гузаронида мешавад. Пас аз анҷоми аттестатсия ба донишҷӯ баҳо гузошта мешавад.

Кори илмӣ-тадқиқотӣ қисмати ҳатмии БТ-и тайёрии мутахассисон ба ҳисоб меравад. Он мутобиқи талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба ташаккули ҳаматарафаи салоҳиятнокии умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбии таълимгирандагон равона шудааст.

Ҳангоми таҳияи барномаи кори илмӣ-тадқиқотӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба донишҷӯ имкониятҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- омӯзиши адабиёти махсус ва иттилооти дигари илмӣ-техникии соҳаи дахлдор доир ба дастовардҳои илму техникаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ;
- иштирок дар гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ё иҷрои коркарди техникӣ;
- ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва мураттабсозии иттилооти илмӣ-техникӣ вобаста ба мавзӯъ (супориш);
- таҳияи ҳисобот (қисматҳои ҳисобот) вобаста ба мавзӯъ ё қисматҳои алоҳидаи он (давра, супориш);
- маърӯза дар конференсияҳо.

7.10. Татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд аз ҷониби мутахассисони фанни тадрисӣ таъмин карда шавад. Саҳми омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд на камтар аз 50% бошад. Аз ҷумла, на камтар аз 10%-ро докторони илм ташкил диҳанд.

Аз миқдори умумии муаллимон 10%-и онҳое, ки дараҷаи илмӣ ва (ва ё) унвони илмӣ доранд, метавонанд аз тарафи омӯзгорони доир ба тахассуси мазкур собиқаи коридошта ва ё аз тарафи онҳое, ки зиёда аз 10 сол инҷониб мутахассиси варзида ба ҳисоб мераванд, иваз карда шаванд.

Роҳбарии умумии тайёрии назариявӣ ва амалии мутахассисонро корманди асосии илмӣ-педагогии муассисаи таълимии олии касбӣ ба ҷо меорад, ки дараҷаи илмии доктор ва ё номзади илм ва (ва ё) унвони илмии профессор ва ё дотсент, инчунин на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ мактаби олӣ дошта бошад. Барои роҳбарӣ ба тайёрии назариявӣ ва илмии тахассусӣ метавонад мутахассиси баландихтисоси соҳаи мазкур ҷалб карда шавад.

7.11. Ташкили раванди таълим тибқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд бо маводи таълимӣ-методии фанҳои тадриснаванда пурра таъмин ва дар шабакаи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷойгир карда шавад.

7.12. Донишҷӯ бояд ба шабакаи китобхонаи электронӣ дастрасӣ дошта бошад. Фонди китобхона бо нашрияи чопӣ ва электронии адабиёти асосии таълимӣ, аз ҷумла нашрияҳои 10 соли охир ба ҳисоби на кам аз 25 нусха барои ҳар 100 нафар донишҷӯро дар бар гирад.

7.13. Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳаҷми маблағи таҳсилро муайян мекунад.

7.14. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дорои пояи моддӣ-техникӣ, озмоишгоҳи илмӣ-тахқиқотӣ бошад. Миқдори ҷойҳои нишаст дар синфхонаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳо бояд ба теъдоди донишҷӯён мувофикат намояд.

7.15. Дар он муассисаи таълимии олии касбӣ, ки хизмати харбӣ ё (ва ё) хизмати ҳифзи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, давомнокии давраи таътили донишҷӯён мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие муқаррар карда мешаванд, ки тартиби гузаштани хизмати харбиро ба танзим меорад.

7.16. Барномаи таълимии тайёрии мутахассисони муассисаи таълимии олии касбӣ бояд семинар, машғулиятҳои лабораторӣ машғулиятҳои амалӣ ва машғулиятҳои амалии клиникиро аз рӯи асосҳои фаннӣ фаро гирад, ки ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои тиббии донишҷӯён мусоидат менамояд:

- семинарҳо (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) оид ба фалсафа, этика, ҳуқуқ, таърихи халқи тоҷик, таърихи тиб, иқтисодиёти назариявӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография;
- машғулиятҳои лабораторӣ (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни физика, кимиё ва биокимиё;
- машғулиятҳои амалӣ (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни биология, анатомияи одам, гистология, эмбриология, ситология, физиологияи нормалӣ, микробиология, вирусология, иммунология, фармакология, анатомияи патологӣ, физиологияи патологӣ, эпидемиология, забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва лотинӣ, бехатарӣ, нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, тарбияи ҷисмонӣ, технологияи иттилоотсионӣ, экология, мудофиаи шаҳрвандӣ;
- машғулиятҳои амалии клиникӣ - (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) ҳангоми омӯзиши фанҳои клиникӣ гузаронида мешаванд акушерӣ ва гинекологӣ, анестезиология ва реаниматология, педиатрия, фармакологияи клиникӣ, беморихои дарунӣ, беморихои ҷарроҳӣ, дерматовенерология, ҷарроҳии кӯдакона, беморихои сироятӣ, беморихои кӯдакона, неврология ва генетикаи тиббӣ, ҷарроҳии умумӣ, онкология, оториноларингология, офталмология, таълими асосҳои беморихои кӯдакон, таълими асосҳои беморихои дарунӣ, ташхиси шуоӣ ва муолиҷаи шуоӣ,

психиатрия ва психологияи тиббӣ, стоматология, травматология ва ортопедия, эндокринология, бемориҳои касбӣ, урология, фтизиатрия, тибби оилавӣ, варзиши муолиҷавӣ ва назорати тиббӣ, тибби судӣ.

7.17. Барномаи таълимии тайёрии бакалавр бояд бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методии ҳамаи курсҳои таълимӣ, фанҳо (модулҳо)-и БТтаъмин карда шаванд. Муҳтавои ҳар яке аз ин фанҳо бояд дар сомонаи донишгоҳ ва ё дар шабакаҳои дигари муассисаҳои таълимӣ ҷой дода шаванд.

7.18. Муассисаи таълимии олии касбии, ки барномаи таълимии тайёрии мутахассисонро амалӣ менамояд, бояд пойгоҳи моддӣ-техникии барои гузаронидани тамоми навъҳои кори лабораторӣ, тайёр кардани фаннӣ, байнифаннӣ, амалӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мусоидро дошта бошад, ки онҳо мутобиқи нақшаи таълимии муассисаи таълимии олии касбӣ ва қоидаву меъёрҳои амалкунандаи санитарӣ ва зиддисухтор пешбинӣ шудаанд.

Номгӯйи таъминоти моддӣ-техникии барои амалисозии БТ-и тайёрии мутахассисон зарурӣ:

- озмоишгоҳҳои физика ва математика, кимиё, кимиёи биологӣ, биология, физиологияи нормалӣ, микробиология, вирусология, фармакология, анатомияи патологӣ, физиологияи патологӣ;
- толори анатомӣ, осорхонаи анатомӣ, ҷойи нигоҳдории ҷасадҳо;
- ҳуҷраҳои махсуси таҷҳизонидашуда ва аудиторияи фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, беҳдошт, сиҳатии омма ва нигоҳдории тандурустӣ;
- ҳуҷраҳои таҷҳизонидашуда барои қабул ва намоиши беморон;
- ҳуҷраҳои бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъминкардашудаи табибон барои машғулият бо бачагон ва наврасоне, ки ба онҳо ёрии профилактикӣ, ташхисотӣ, реабилитатсионӣ расонида мешавад ва ё табобат мегиранд (соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ).

7.19. Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ муассисаи таълимии олии касбӣ бояд бо назардошти 100 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона 7 адад компютери ба шабакаи интернет пайваст дошта бошад. Муассисаи таълимии олии касбӣ дар ҳолати истифодаи нашрияҳои электронӣ вазифадор аст, ки ҳангоми омодагӣ ба корҳои мустақилона дар синфхонаи компютерӣ вобаста ба ҳаҷми фанҳои омӯхташаванда ҷойҳои нишасти бо шабакаи интернет пайваст дошта бошад.

8. МОНИТОРИНГИ СИФАТИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

8.1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки кафолати сифати таълимро тибқи амалҳои зерин таъмин намояд:

- роҳандозии таъмини сифати омодагии хатмкунандагон бо ҷалби кордиҳанда;
- мониторинги даврии татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён ва ташаккули салоҳияти касбии хатмкунандагон;
- худбаҳодиҳӣ бо мақсади арзёбии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қиёси натиҷаҳо бо дигар муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби кордиҳанда.

8.2. Мониторинги сифати азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд назорати давомот, дарачаи азхудкунии талаботи барномаи таълимии фанҳо, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ниҳоӣ ва аттестатсияи хатмро дар бар гирад.

8.3. Баҳодиҳии сифати БТ-и тайёрии мутахассисон бояд назорати ҷории давомот, аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён ва аттестатсияи давлатиро ҷамъбастии хатмкунандагонро дар бар гирад.

8.4. Шаклҳои мушаххас ва воситаҳои назорати дониши ҷорӣ ва байнифосилавиро доир ба ҳар як фан муассисаи таълимии олии касбӣ мустақилона таҳия менамояд ва дар моҳи авали таҳсил ба маълумоти ҳар як донишҷӯ мерасонад.

8.5. Барои аттестатсияи донишҷӯён мувофиқи дастовардҳои фардии онҳо доир ба талаботҳои даврагии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии тайёрии мутахассисон (назорати давомот ва аттестатсияи байнифосилавӣ) фонди воситаи баҳодиҳӣ ташкил карда мешавад, ки супоришҳои намунавӣ, корҳои санҷишӣ, тестҳо ва усулҳои назоратро дар бар мегирад, ки онҳо барои баҳодиҳии дониш, маҳорат ва дарачаи салоҳиятнокии таълимгирандагон имкон медиҳад. Фонди воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Муассисаи таълимии олии касбӣ бояд барои мутобиқсозии барномаи назорати ҷорӣ ва аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён бо назардошти фаъолияти оянда касбии онҳо шароит фароҳам оварад, ки дар ин самт ғайр аз муаллимони фанҳои ҷудогона метавонанд ба сифати коршиносони беруна корфармоён, муаллимон, муаллимони фанҳои омехта ҷалб карда шаванд.

8.6. Ба донишҷӯён бояд имкон дода шавад, ки онҳо мухтаво, тарзи ташкил ва сифати ҷараёни таълимро дар мачмӯъ, инчунин фаъолияти муаллимони ҷудогонаро баҳогузорӣ намоянд.

8.7. Аттестатсияи хатм оид ба самти тайёрии (ихтисоси) 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» гузаронидани имтиҳони давлатиро дар бар мегирад. Аттестатсияи хатм аз се давраи имтиҳонӣ (малакаҳои амалӣ, тестӣ ва шифоҳӣ) иборат аст.

8.8. Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад. Барои баргузор намудани аттестатсияи хатм аз ихтисосҳои алоҳида вобаста ба шумораи хатмкунандагон як ва ё якчанд комиссияи аттестатсионӣ ташкил карда мешавад. Аттестатсияи хатм аз фанҳое, ки дар нақшаи таълимии намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудаанд, гузаронида мешавад. Саволномаҳои имтиҳони давлатӣ дар доираи барномаи таълимӣ аз тарафи кафедра тартиб дода шуда, Шӯрои илми-методӣ онҳоро тасдиқ мекунад. Ҷадвали баргузории комиссияи аттестатсионӣ ду ҳафта қабл аз огози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад. Барномаи имтиҳони давлатӣ ва воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи донишгоҳ мустақилона таҳия карда мешавад.

8.9. Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра ичро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, ду ҳафта пеш аз огози аттестатсияи хатм бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

8.10. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба донишҷӯён имкони арзёбии ташкили раванди таълим ва сифати таҳсилот, ҳамчунин баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгоронро фароҳам орад.

Гурӯҳи корӣ

Одиназода Бозоралӣ – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари гурӯҳ);

Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини роҳбари гурӯҳ);

Ҳайдаров Фахриддин – сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Зиёев Хуршед - сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Раҳматуллоев Фарҳод – мудири шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Каҷкулоева Тоҷиниссо - сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Ҳабибов Насрулло - мутахассиси пешбари шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Солиҳов Дилшод – муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, аъзо.

Ба чоп 28-03-2018 имзо шуд. Андозаи 60X84 1/16.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 5. Адади нашр 50

Маҷмӯа дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ - 21